**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Убайдулло Асрорзода
«24» февраль соли 2023

# БАРНОМА 4.2. “SMART COMFORT SYSTEM” (2023–2028) ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

Барнома ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва шароити беҳтари биноҳои донишгоҳ равона шудааст, ки тавассути ҷорӣ ва тавсеаи системаҳои зеҳнии автоматикунонии микроклимат, равшанидиҳӣ ва вентилятсия дар асоси сенсорҳо ва технологияҳои зеҳни сунъӣ (AI) амалӣ мегардад.

**1. Асоснокkунӣ:** Пас аз ифтитоҳи кампуси нави муосири донишгоҳ рӯзи 30 августи соли 2025, ки бо сенсорҳои равшанӣ, ҳаракат ва ҳарорат муҷаҳҳаз шудааст, донишгоҳ ба аввалин муассисаи таҳсилоти олии Тоҷикистон табдил ёфт, ки принсипҳои «бинои ҳушманд»-ро дар низоми таҳсилоти олӣ татбиқ менамояд. Барномаи “Smart Comfort System” ба ҳамгироии ин технологияҳо дар ҳамаи биноҳои таълимӣ ва маъмурӣ, таъмини идоракунии марказонидашудаи истеъмоли энергия ва коҳиши изи (осори) карбони кампус равона гардидааст.

**2. Чораҳои асосӣ**

| Самт | Тавсиф |
|---|---|
| Равшанидиҳии ҳушманд | Дар биноҳои нави донишгоҳ сенсорҳои ҳаракат ва равшанӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки рӯшноиро вобаста ба ҳузури одамон ва рӯшноии табиӣ танзим мекунанд. |
| Гармидиҳӣ ва вентилятсияи зеҳнӣ | Дар биноҳои нав термостатҳои мутобиқшаванда ва системаи назорати иқлим насб шудаанд, ки ҳарорат ва намиро ба таври худкор танзим менамоянд. |
| Мониторинги ҳаво ва $CO_2$ | Ташкили шабакаи сенсорҳо барои назорати сифати ҳаво ва сатҳи $CO_2$ бо танзими худкори системаи вентилятсия. |
| Беҳтарсозии зеҳни сунъӣ (ЗС) | Ташкили алгоритмҳое, ки маълумотҳои сенсориро таҳлил намуда, сарбориро пешбинӣ ва микроклиматро мувофиқ мекунанд. |
| Ҳамгироӣ бо системаи iU-Energy | Ҳамаи маълумот ва нишондиҳандаҳои самаранокии энергетикӣ ба платформаи ягонаи идоракунии кампус |

| | |
|---|---|
| | ҳамгиро карда мешаванд. |

## 3. Нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI)

| Нишондиҳанда | Арзиши ибтидоӣ (2023) | Ҳадаф (2028) |
|---|---|---|
| Масрафи энергия барои назорати иқлим | 100 % | ≤ 70 % |
| Ҳуҷраҳо бо системаи худкор | 40 (бинои нав) | ≥ 150 |
| Коҳиши партовҳои $CO_2$ | — | – 25 % |
| Идоракунии марказонидашуда | 0 % | 100 % кампус |

## 4. Натиҷаҳо

1. Коҳиши истеъмоли энергия дар системаҳои равшанидиҳӣ ва назорати иқлим то 30 %;
2. Баланд бардоштани сифати муҳити дохилии ҳуҷраҳо;
3. Таъсиси намунаи устувори кампуси «сабз»;
4. Истифодаи бинои нав ҳамчун маркази намоишии технологияҳои зеҳнӣ.

## 5. Саҳм дар ҲРУ СММ

| ҲРУ | Чӣ тавр он дастгирӣ карда мешавад? |
|---|---|
| ҲРУ 7 | Истифодаи технологияҳои самараноки энергетикӣ дар биноҳо |
| ҲРУ 9 | Инфрасохтори инноватсионӣ ва рақамисозии кампус |
| ҲРУ 11 | Ташаккули фазои устувори шаҳрӣ |
| ҲРУ 13 | Кам кардани таъсироти тағйирёбии иқлим |

Барномаи “Smart Comfort System” яке аз ташаббусҳои калидии донишгоҳ барои эҷоди кампуси «ҳушманд» ва аз ҷиҳати экологӣ устувор мебошад, ки бо консепсияи «Green Energy Campus» ҳамгиро карда шудааст. Бинои нави донишгоҳ аллакай ба платформаи пилотӣ табдил ёфтааст, ки бо сенсорҳои зеҳнии рӯшноӣ, ҳаракат ва микроклимат муҷаҳҳаз мебошад, ки ин ба коҳиши истеъмоли изофии энергия ва баланд бардоштани шароити беҳтари муҳити таълимӣ мусоидат мекунад.

## 5. Сохторҳои масъул

1. Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз;
2. Раёсати хоҷагии донишгоҳ.